Президенти Чумхурии Точикистон Эмомалӣ Рахмон дар яке аз суханронихои худ аз пайравони гуруххои террористӣ изхори нигаронӣ намуда, таъкид карданд, ки «Аз марги баъзеашон ба падару модар маълумот расида онхо бо ин амали нангини фарзандашон миёни хешу табор ва ахли чомеа дар хичолатанд, чунки фарзанди онхо хам ба Ватан – модар ва хам мазхаби ханафӣ хиёнат кардаанд. Дар тули таърих ягон халку миллат хиёнат ба Ватан – модар, давлат ва мардумро набахшидааст ва намебахшад.

Одатан чавононе, ки аз лихози зехни ва аклонӣ рушд наёфтаанд, осебпазир буда, зуд ба ин чараёнхо чалб мешаванд. Зехни онхо, ки мисли «лавхи сафед» тозаю покиза аст, ифроту хурофот пур карда мешавад. Азбаски чавонон сахт хассосанд бегумон шефтаю мутамоили акидаи бебунёд мешаванд.

Хар шахрванди Чумхурии Точикистон, ки ба ин гуруххои ифроти хамрох мешавад, дар максадхои шум ва фаъолиятхои зиддидавлатӣ ва зиддимиллии онхо шарик аст, яъне у бевосита дар мукобили давлати худ, бар зидди Ватани худ ва дар душман ба миллати худ карор мегирад. Мутаасифона аксари чавононе, ки ба гуруху созмонхои ифротгароӣ мепайванданд, онхое мебошанд, ки сатхи саводи зарурӣ надоранд ва ин гуруххо бо истифода аз бесаводию тангназарӣ чунин чавононро ба доми худ кашида, боиси гумрохии онон мегарданд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Рахмон дуруст таъкид карданд, ки «мо бояд ба чавонон чунин шароите мухайё созем ва онхоро тарзе тарбия кунем,  ки фарзандони мо дар зиндагӣ рохи дурустро интихоб намоянд, илму донишхои муосирро аз худ кунанд, касбу хунархои замонавиро омӯзанд ва оянда макоми арзандаи худро дар чомеа сохиб шаванд.

Бузургони миллат ибтидои Ватанро аз гахвора ва шири поки модар медонанд. Мардуми шарифи Точикистон рафтори хоинонаи ин гуна ашхоси хиёнаткорро махкум намуда, ба

инхо нафрат доранд. Шомилшавии чавонон ба гуруххои тундгаро масъалаи доги рӯз аст. Бинобар ин хар яки моро зарур аст, ки алайхи ин амал мубориза барем.

Муовини раиси нохия

Абдусаломзода М.А.